Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44.
E-mail: boboev.komil@list.ru Тел.: 911-00-48-84

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармояғузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ пешниҳод шудааст.**

## Мубрамият ва зарурати гузаронидани таҳқиқот

Дар ҷаҳони муосир дар шароити ба вуқӯъ пайвастани дигаргугниҳои глобалӣ масоили таъмини амнияти иқтисодиётии миллӣ, чи тавре ба назар мерасад, солхои тӯлонӣ мубрам боқи хохад монд. То ба имрӯз илми иқтисодӣ равишҳои зиёдеро барои муайян кардани чолишҳо ва таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, арзёбии бузургиҳои интиҳоии қобили қабули он ва ба низом даровардани омилҳое, ки ба сатҳи амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанд, таҳия кардааст. Вақтҳои охир дар доираҳои илмӣ масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодии мамлакатҳо аз ҳисоби омилҳои гуногун, аз ҷумла омилҳои институтсионалӣ мавриди баррасии ҳаматарафа қарор дода шудааст. Бо вуҷуди ин, ақидаҳои илмии қобили қабули умум дар бораи ҷой ва нақши ҷузъи институтсионалӣ дар рушди раванди сармоягузории хориҷӣ ҳанӯз ба таври зарурӣ таҳия нашудаанд. Дар робита бо ин, ба сифати объекти баҳсу мунозира қарор додани масъалаи таҳқиқи омилҳои муҳимтарини институтсионалии рушди раванди сармоягузории хориҷӣ дар кишвар, аз ҷумла таъмини амнияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дарки зарурати омӯзиши таҳдидҳо, хавфҳо ва чолишҳо (бо мақсади пешгирии онҳо), ки бо омилҳои институтсионалӣ алоқаманди доранд, мубрам арзёбӣ мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи омилҳои институтсионалии ба таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ таъсиркунанда тақозо менамояд, ки онҳо бояд дар доираи татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба инобат

гирифта шаванд, чунки раванди сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти мамлакат дар шароити номукаммалии институтҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи моликият ва сатҳи нокофии рақобатпазирии истеҳсоли молҳои ватанӣ ва бозори дохилӣ сурат гирифта истодааст. Ин низ дар навбати худ ба рушди минбаъдаи раванди сармоягузории хориҷӣ дар кишвар монеаи ҷиддӣ эҷод карда истодааст.

Яке аз проблемаи асосӣ дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ки барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад ин равонасозии он ба рушди истеҳсолоти маҳсулоти воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда мебошад. Дар ин иртибот ду вектори номувофиқатӣ дар сатҳи макро: афзоиши истеҳсолоти саноатӣ дар давраи миёнамӯҳлат бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи мавҷудаи амнияти иқтисодии низоми миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт, пеш аз ҳама соҳаи саноат ба вуҷуд меояд.

Вобаста ба ин, ба таври объективӣ масъалаи дарёфти чунин равишҳои методологӣ ва институтсионалие мубрам мегарданд, ки онҳо имкон медиҳанд хавфҳои мавҷударо бидуни аз даст додани устувории низоми иқтисодӣ аз байн баранд. Дар айни замон, «санги асос» дар такмили методологияи ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва таъмини амнияти он тавсеаи воситаҳои ҳамкории мақомоти давлатӣ дар сатҳи макро ва мезо, ба вуҷуд овардани алгоритмҳои тафриқавии ташкили стратегияҳои амнияти иқтисодӣ. рушди ташаббуси сохторҳои соҳибкорӣ оид ба рушд доданм фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои мухталиф маҳсуб меёбад. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки манфиатҳои ҷонибҳои ҳавасманд дар сатҳи макро ва мезо- ҳамоҳанг карда шуда, масъалаи безараргардонии таъсири таҳдидҳо ба амнияти сармоягузории хориҷӣ дар ҷумҳурӣ ҳал карда шаванд.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки мавзӯи интихобкардаи Қодирзода Ф.А. барои пешбурди тадқиқоти диссертатсионӣ мубрам арзёбӣ мегардад ва мазмуни тадқиқоти гузаронидашуда зарурати объективии муайян кардани омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷиро фаро гирифта, масъалаҳои дар рисола баррасишуда ба ташаккули методологияи таъмини ҳамаҷонибаи амнияти иқтисодии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули минбаъдинаи иқтисоди бозорӣ ба мақсади ноил гаштан ба устувории иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, омӯзиши ин мавзӯъ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ аз манфиат холи намебошад.

## Дарачаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, навгонии илмии онҳо

Асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия баёнгардида бо истифодаи дурусти усулҳои умумиилмӣ ва техникаи таҳқиқот оид ба омӯзиши асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба проблемаҳои амнияти иқтисодӣ, масъалаҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ ва рушди устувори кишвар бахшида шудаанд, муайян карда мешавад. Хулосаҳои илмӣ ва амалии тадқиқот ба заминаи репрезентативии иттилоотию таҷрибавӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату кумитаҳо, идораҳо ва хадамотҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои созмонҳои байналмилалии ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, корҳои нашршудаи иқтисоддонҳои ватанӣ ва хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои экспертӣ ва тадқиқотӣ ва инчунин маводҳои интернетӣ асос ёфтаанд.

Истифодаи асоснок ва аз нигоҳи касбият дурусти маълумоти оморӣ, моделсозӣ ва пешгӯӣ, арзёбии ҳаматарафаи амнияти сармоягузории хориҷӣ, таҳлили иқтисодӣ ҳангоми гузаронидани таҳлили маҷмӯии таҳияи дастгоҳи илмию методии таъмини амнияти иқтисодии миллӣ бо дарназардошти хусусиятҳои институтсионалии бехатарии сармоягузории хориҷӣ ва ҳамгироии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рушди иқтисодиёти миллӣ дар чаҳорчуби татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дар шароити амалигардонии саноатикунонии босуръат ба кор хислати таҳқиқоти анҷомёфта медиҳад.

Ҳадафи ба миён гузоштаи муаллиф, ки аз муайяннамоӣ ва омӯзиши омилҳои институтсионалии беруна ва дохилии таъмини сармоягузории хориҷӣ ва амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити равандҳои ҷаҳонишавии муосир дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ (саҳ. 10–11) иборат мебошад, дар маҷмӯъ ба даст оварда шудааст. Тадқиқоти диссертатсионӣ мантиқан мувофиқи талаботи аз ҷониби умум қабулшуда роҳандозӣ шудааст. Консепсияи тадқиқот, асоснокнамоии ғояи асосӣ ва самтхои муҳими амалӣ гардондани он хеле хуб баён карда шудаанд.

Апробатсияи натиҷаҳои рисола дар шакли нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои пешбари кишвар, инчунин баромадҳо дар конфронсҳо асоснокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии дар диссертатсия зикршударо тасдиқ мекунанд. Муаллиф 29 кори илмӣ, аз ҷумла, 3 монография ва 19 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки натиҷаҳои асосии тадқиқотро инъикос мекунанд, нашр кардааст.

Кор аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Хулосаҳо бо ҷадвалҳо ва рақамҳо тақвият дода шудаанд. Мантиқи баёни пешниҳоди натиҷаҳои тадқиқоти муаллиф ба ҳалли масъалаҳои таҳиякардаи ӯ мувофиқат мекунад. Маводи ҳар як боб бо навигарии назаррас дар гузориш ва ҳалли масъалаҳои илмӣ дар мувофиқати катъӣ ба мавзӯи тадқиқот фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, эътимоднокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ тавассути таҳияи дурусти вазифаҳо, равишҳои асоснок кардашуда ва усулҳои ҳалли онҳо таъмин карда шудааст.

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 08.00.13 «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ», аз ҷумла: б.28 Роҳҳо ва шаклҳои ҳамгироии Тоҷикистон ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ. Вижагиҳои фаъолияти иқтисодии берунӣ дар сатҳи корхонаҳо, соҳаҳо ва минтақаҳо; б.27 Амнияти иқтисодии байналмилалӣ ва миллӣ; б.27 Асосҳои назариявӣ ва методологии таъмини амнияти беруниикитисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон; б.25 Иқтисодиёти миллии мамлакатҳои алоҳида дар низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ: масъалаҳои муносибгардонии ҳамкориҳои мутақобил ва таъмини манфиатҳои иқтисодии миллӣ. Тазодҳои байналхалқии иқтисодӣ, сабабҳо ва тарзҳои ҳалли онҳо; б. 24 Фаъолияти байналмилалии бонкҳо, ширкатҳои сармоягузорӣ ва суғуртавӣ, фондҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ мувофиқат мекунад.

Муқаррризи расмӣ дурустии таснифоти натиҷаҳои илмии бадастовардаи муаллиф ва дар диссертатсия пешниҳодшударо, ки навоварии онҳо баҳснопазир аст, қайд мекунад. Аз ҷумла, онҳо бо натиҷаҳои зерини мушаххас муайян карда мешаванд:

1. Асоснокнамоии рақобати байнидавлатӣ дар бозори ҷаҳонии ҳаракати сармояҳо ва таъсири он ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ (саҳ. 25-33). Муайян кардани воситаҳои асосии ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бахусус ташкили минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, ки онҳо ба рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти ин кишварҳо нигаронида шудаанд (саҳ. 34 – 40). Дар ин замина нишон дода шудааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати иқтисодии давлат ҳам пешбинӣ кардани тадбирҳо оид ба таъмини амнияти миллӣ, иқтисодӣ, аз ҷумла, сармоягузорӣ ва ҳам ҳавасмандгардонӣ дар ҷалби сармоягузории хориҷӣ аҳамияти хеле муҳим касб мекунад (саҳ. 117 – 119).

2. Аз нигоҳи илмӣ гузаронидани таснифоти хавфҳои глобалии сармоягузорӣ дар асоси принсипҳои минтақаи таъсиррасонӣ, давомнокӣ, миқёси таъсир ва пешгӯии натиҷаҳои онҳо дар шароити глобализатсияи робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ диққатҷалбкунанда мебошад. Он бо нишон додани таҷрибаи моделҳои гуногуни танзими давлатии сармоягузорӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ фарқ карда, пешбинӣ менамояд, ки дар баробари институтҳо барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, шарикии фаъоли давлат бо бахши хусусӣ, низоми бонкии рушдкарда ва бозори фондӣ, диверсификатсияи босуръати сохтори иқтисодиёти кишвар зарур аст (129 – 131, 135 – 137, 140, 158 - 162).

3. Муаллиф дар диссертатсия тақсимот (дезагрегатсия)-и нишондиҳандаи интегралии амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити байналмилалишавии робитаҳои хоҷагӣ гузаронида, таҳлили муқоисавии онро нисбат ба мамлакатҳои узви Бонки рушди Авруосиё пешниҳод кардааст. Ин равиш ба муаллиф имкон додааст, муайян намояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи бисёр нишондиҳандаҳои амнияти сармоягузорӣ нисбат ба аксари кишварҳои узви Бонки рушди Авруосиё нишондиҳандаҳои пасттар дорад ва боис ба дучор гаштани сармоягузорони хориҷӣ ба хавфҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва асъорӣ мегардад.

4. Дар диссертатсия модели таҳлилии регрессионӣ-коррелятсионӣ пешниҳод гардидааст (саҳ. 184 – 185), ки таъсири ҳаҷми сармоягузориҳои мустақими хориҷиро ба ҳаҷми ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаҷми пасандозҳои аҳолӣ, шохиси коррупсия ва озодии иқтисодӣ тавсиф мекунад. Хусусияти модел - ҳисобкунии вобастагии омории ҳаҷми сармоягузориҳои хориҷӣ аз ҷузъҳои таъсиркунанда ба фазои сармоягузорӣ мебошад. Ҳамзамон, муаллиф дар заминаи ин модел тавсия медиҳад, то ба таркиби сиёсати сармоягузории кишвар (дар баробари реҷаи аллакай истифодашавандаи зиёдтар мусоидаткунанда) низоми шаффофияти сармоягузорӣ ворид карда шавад, ки он фазои сармоягузории кишварро беҳтар намуда, воридшавии устувори сармояи хориҷиро ба кишвар таъмин менамояд (саҳ. 186 – 187).

5. Таваҷҷӯҳи бешубҳа илмии диссертатсия аз нишон додани фарқи байни институтҳои дорои хусусияти нуқтавӣ ва минтақавии сармоягузории хориҷӣ ва таъсири эҳтимолии онҳо ба иқтисоди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад (саҳ. 199 – 200). Ҳамзамон, шакли минтақавии сармоягузории хориҷӣ дар намуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун воситаи муассири ҳамгироии иқтисодиёти кишвар ба равандҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ, инчунин, фишанги танзимкунии давлатӣ ҷиҳати

бартарафсозии таҳдидҳои сармоягузории суроғавӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 201 – 204, 212 - 2016). Ин ба муаллиф имкон дод, ки бо дарназардошти зарурати ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва ҳалли проблемаҳои таъмини амнияти иқтисодии миллӣ низоми тадбирхои рафъи ин монеахоро пешниход намояд.

6. Исботи вобастагии ҳаҷми маҳсулоти содиротии истеҳсолкардаи корхонаҳои муштарак бо ҷалби сармояи хориҷӣ аз шумораи онҳо ва ҳаҷми сармояи ба онҳо гузошташуда дар асоси модели эконометрикӣ, ки муфид будани воридшавии сармояи мустақими хориҷиро нисбат ба қарзи берунӣ ба иқтисодиёти кишвар асоснок менамояд, аз нигоҳи илмӣ диққатҷалбкунанда мебошад. Дар баробари ин барои асоснок намудани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ муодилаи тамоюл (тренд) барои пешгӯии ҳаҷми сармоягузории хориҷӣ ба корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон ва ҳаҷми содироти корхонаҳои муштарак ҳисоб карда шудааст (саҳ. 259 – 260).

7. Муаллифи диссертатсия механизми ташкилию иқтисодии ҳимояи сармоягузоронро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намудааст, ки он дар худ равиши методологии усулҳои идоракунии иқтисодӣ, шаклҳои ташкилии мусоидат ба сармоягузорон, рушди бахшҳои инфрасохторро барои сармоягузорӣ дар шакли МОИ ва тадбирҳоро оид ба таъмини ҳифзи сармоягузорон дар бар мегирад (саҳ. 285 – 294).

8. Дар асоси таҳқиқи роҳҳои ҳамгироии ҷумҳурӣ ба низоми робитаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ, дигаргуниҳои сохторӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Тоҷикистон ҳисоб карда шудаанд, ки қобили таваҷҷӯҳи махсус мебошанд (саҳ. 296 – 299). Дар ин асос муайян карда шудааст, ки дар шароити иқтисодиёти кушод соҳаҳои саноат ва хизматрасониҳои молиявӣ бештар динамикӣ, каме сусттар, вале хеле босамар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва алоқа рушд кардаанд.

9. Бо истифода аз модели коррелятсиони иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, ки тағйироти сохтории соҳаҳоро вобаста аз ҳаҷми сармоягузориҳо ба назар мегирад, тасвир карда шудааст (саҳ. 299 – 301). Ин тарзи ҳисобкунӣ собит намуд, ки ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт ва алоқа ба бузургии шохиси интегралии рушди устувор ва чун натиҷа ба рақобатпазирии ҷаҳонии иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири мусбат мерасонад.

10. Дар кори диссертатсионӣ маҷмӯи омилҳои берунӣ ва дохилӣ бо дарназардошти вазъи кунунии рушди иқтисодиёти миллӣ муайян карда шудаанд, ки барои таъмини амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид эҷод мекунанд (саҳ. 325 – 334, 359 – 362). Таснифоти гузаронидаи

омилҳои берунӣ ва дохилии ба сармоягузорӣ таҳдид эҷодкунанда имкон медиҳад, ки тадбирҳои танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти иқтисодӣ, аз ҷумла амнияти сармоягузории хориҷӣ бо вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мутобиқ карда шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ**

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба рушди назарияи амнияти иқтисодӣ мусоидат намуда, дарки назариявиро дар бораи равишҳои илмию методологӣ ва омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ бо дарназардошти чолишҳо ва таҳдидҳои нав ба рушди иқтисодии кишвар ташаккул медиҳад. Натиҷаҳои назариявӣ ва методии ба даст овардаи муаллиф метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ истифода шаванд.

Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертсионӣ дар имкони татбиқи натиҷаҳои кори диссертатсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади қабули қарорҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки идоракунӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ иборат аст, ки ҳадафи онҳо таъмини амнияти иқтисодӣ дар сатҳҳои гуногуни низоми иқтисодии кишвар мебошад. Тавсияҳо ва хулосаҳои дар диссертатсия таҳияшуда метавонанд барои гузаронидани таҳлили минбаъдаи илмӣ ва омӯзиши имкониятҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бехатари ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба рушди иқтисоди Тоҷикистон истифода шаванд.

**Камбудиҳои ошкоргардида ва эродҳо**

Ба кори диссертатсионӣ, мантиқи он, асоснокӣ, эътимоднокӣ, натиҷаҳои илмии бадастомада, заминаи назариявӣ ва амалии тадқиқот дар маҷмӯъ баҳои мусбат дода, зарур мешуморам, баъзе камбудиву норасоиҳо ва эродҳоро қайд намоям. Дар қатори онҳо:

1. Хуб мебуд агар дар боби 1 масъалаи ба вуҷуд омадани таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии кишвар, аз ҷумла амнияти сармоягузории хориҷӣ ҳамчун ҷузъи таркибии он таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, сабабҳо ва сарчашмаҳои пайдоиши онҳо муайян карда мешуданд.

2. Дар зербоби 2.1 ва 2.2. таҷрибаи танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои мутараққии саноатӣ ва хусусиятҳои танзими фаъолияти сармоягузорӣ дар кишварҳои дорои иқтисодиёти гузариш мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Мутаасифона, истифодаи таҷрибаи кадоме аз

давлатҳои таҳқиқгардида дар ҷалбнамоӣ ва танзими сармоягузории хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид аст, пешниҳод нагардидааст.

3. Аз нуқтаи назари мо хуб мебуд, ки вазифаҳои функсионалии идоракунии амнияти сармоягузории хориҷӣ ва ҳамоҳангсозии онҳо дар зербоби алоҳида мавриди таҳқиқ қарор мегирифт, зеро маҳз ташкили мутавозин ва ҳамоҳангшудаи тамоми равандҳои идоракунӣ имкон медиҳад, ки таъсири синергетикӣ ва баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ ҷалбнамоӣ ва истифодаи сармоягузории хориҷӣ ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар таъмин карда шавад.

4. Дар зербоби 3.2. Амнияти сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҳамгироии минтақавӣ ва ҷаҳонишавӣ, танҳо шарҳи адабиёт оиди масъалаҳои ҳамгироӣ ва чаҳонишавӣ барраси шудаанд. Масъалаҳои амнияти сармоягузори оварда нашудааст, Аз ин лиҳоз хуб мешуд, ки масъалаҳои номбурда дар шароити ҷаҳонигавӣ таҳлил карда мешуд.

5. Низоми арзёбии самтҳои афзалиятноки сиёсати сармоягузорӣ ва ташкили механизми ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи фаъолияти сармоягузорӣ бе таҳлили рейтингҳои байналмиллалие, ки аз ҷониби институтҳои байналмилаллии молиявӣ омода карда шудаанд дар кори диссертаитсионӣ оварда шудааст. Аз ин бармеояд, аз гуфтаҳои муаллиф қабули санадҳои танзимкунанда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, имкон дод, рейтинги худро аз рӯи нишондиҳандаи ҳифзи сармоягузорон ва рейтинги умумии кишвар баланд бардорад зери шубҳа қарор дода шавад.

6. Вазифаи муайян кардани таҳдидҳо ба амнияти сармоягузориҳои хориҷиро дар раванди ҷалбнамоӣ ба миён гузошта, муаллиф ба назар намегирад, ки дар раванди истифодабари онҳо ба иқтисодиёт ва ҷомеа хавфҳои иловагӣ ба вуҷуд меоранд ва равишҳо ва усулҳои арзёбии таҳдидҳоро, ки дар ҷараёни мониторинг ва/ё арзёбии натиҷаҳои амалҳои мақсаднок истифода мешаванд, пешниҳод намекунад.

7. Сарфи назар аз он, ки «омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ» ғояи асосӣ (лейтмотив)-и тадқиқоти диссертатсионӣ мебошад ва муаллиф онро ҳамчун амри воқеъӣ таҳқиқ кардааст, то ба охир маълум нест, ки он бояд ба раванди ташаккули амнияти иқтисодии кишвар тобеъ бошад ё василае барои таъмини амнияти иқтисодӣ.

8. Дар матни кори диссертатсионӣ баъзе хатогиҳои техникӣ низ ба назар мерасанд.

Таҳлили тадқиқот нишон медиҳад, ки камбудиву эродҳои қайдгардида сатҳи баланди назариявӣ ва амалии диссертатсияи Қодирзода Ф.А.-ро коҳиш намедиҳад ва метавонад ҳамчун самти тадқиқоти минбаъдаи муаллиф истифода шавад.

**Хулосаи умумии муқарризи расмӣ роҷеъ ба диссертатсия**

Диссертатсияи доктории Қодирзода Ф.А. дар мавзӯи: «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикстон)» кори илмӣ-тахассусии пурра анҷом ёфта мебошад, ки дар он масъалаи муҳим ва мубрами илмии таҳияи асосҳои назариявӣ ва илмӣ-методии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва муайяннамоии омилҳои институтсионалии таъмини амнияти он ҳал карда шудааст.

Кори диссертатсионии Қодирзода Ф.А. ки дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шудааст, хулосаҳои асоснок ва ҳалли масъалаи муҳими илмиро доро мебошад ва аз саҳми шахсии муаллиф дар рушди илми иқтисодиёт шаҳодат медиҳад.

Муқаррароти рисола боэътимод ва асоснок карда шудааст, аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ холи набуда, дорои навгониҳои илмӣ мебошад. Дар кор пай дар пай, мантиқан ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии мавзӯи тадқиқот мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба матни он услуби хуби илмӣ, амиқ ва баёни таҳлилӣ хос аст. Муқаррароти навгониҳои илмӣ, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, инчунин хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда боэътимод ва асоснок мебошанд. Ҳадафи дар кор пешбинишуда ба даст оварда шуда, вазифаҳои илмӣ дар ҳаҷми пурра ба амал бароварда шудаанд.

Автореферат ва корҳои илмии ба табъ расонида аз ҷониби муаллиф мазмуни диссертатсия, хулоса ва муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшударо пурра инъикос мекунанд. Таҳқиқот аз апробатсия гузаронида шуда, баъзе аз муқаррароти пешниҳодкардаи довталаб дар амалия ва раванди таълим ҷорӣ карда шудаанд.

Диссертатсия дар сатҳи баланди илмӣ мувофиқи шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи самти 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ анҷом дода шудааст.

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшуда дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ пурра ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад ва муаллифи он Қодирзода Фарҳод Анвар барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.13 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:

Профессори кафедраи идораи давлатӣ
ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
д.и.и., профессор Набиев Т.Т.

Имзои Набиев Т.Т.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.Б

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кучаи Саид Носир,33
Телефон: (+992 37) 2241786 E-mail:info@apa.tj; www.apa.tj